آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

5 марти соли 2022
Шанбе
№ 18 (14823)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

*Имрӯз бисёре аз рейтингҳои бонуфузи байналмилалӣ Осиёи Марказиро дар қатори амнтарин минтақаҳои ҷаҳон қарор додаанд.*

*Дар солҳои охир дар ин ҷо дигаргуниҳои куллии мусбат ба амал омаданд. Байни мамлакатҳои минтақа пайваста муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ки ба тамоюлҳои дӯстӣ, нафъи мутақобила ва эътимод асос ёфтаанд, инкишоф меёбанд. Мулоқотҳои машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба татбиқи иқтидори бузурги кишварҳои мо дар таъмини амнияти минтақа ва рушди устувор мусоидат мекунанд.*

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат МИРЗИЁЕВ***

# САФАРИ ТАЪРИХӢ ҲАМКОРИРО БА ЗИНАИ НАВ МЕБАРОРАД

**Бинобар даъвати Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон 3-4 март Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба ин мамлакат бо боздиди давлатӣ ташриф овард.**






Президент Шавкат Мирзиёев 4 март дар шаҳри Исломобод бо роҳбарони ширкатҳои бонуфузи Покистон вохӯрд.

Дар он роҳбарони ширкатҳои «Нишат Групп», «Гетз Фарма», «Пирамид Ложистикс», «Эжаз Груп», «АКД Груп», «Бах Нобел Групп», «Наҷиб Файбэр», «Сапфир Груп» ва бисёр ширкатҳои дигар иштирок карданд.

Активҳои умумии ин ширкатҳо беш аз 40 миллиард долларро ташкил медиҳанд.

Сарвари давлатамон зимни сафарҳои хориҷӣ ба баргузории чунин мулоқотҳо вақти алоҳида ҷудо мекунад. Ин ба соҳибкорон рӯҳияи баланди Ўзбекистонро ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд нишон медиҳад ва боварии онҳоро мустаҳкам мекунад.

Зимни вохӯрӣ зикр гардид, ки механизмҳои бозор дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ҷорӣ карда шуда, монеаҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, бартараф карда шуданд. Дар асоси Стратегияи нави рушд корҳо оид ба васеъ гардондани иштироки тиҷорати хориҷӣ идома доранд.

Солҳои охир муносибатҳои Ўзбекистону Покистон ба сатҳи шарикии стратегӣ расиданд. Аз ҷумла, дар соҳаи тиҷорату иқтисодиёт ва сармоягузорӣ робитаҳои мунтазам барқарор шудаанд. Дар солҳои охир ҳаҷми муомилоти мол 5 баробар афзуд. Сарфи назар аз пандемия гардиши мол аз аввали сол ба 70 фоиз афзуд.

Президенти мамлакат дар оғози нутқи худ натиҷаҳои пурсамари гуфтушунидро бо Сарвазири Покистон қайд намуд.

– Дар рафти сафари мазкури таърихӣ мо ба созишнома дар бораи савдои имтиёзнок имзо гузоштем. Мо ба мувофиқа расидем, ки ҳамкориҳоро дар соҳаи нақлиёт ва транзит таҳти назорати махсус гирем. Мақсади асосии мо фароҳам овардани низоми интиқоли бемамониат ва ҳарҷи зудтари маҳсулот байни мамлакатҳоямон мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Изҳори итминон карда шуд, ки ин талошҳо равобити тиҷоративу иқтисодиро ба таври қобили мулоҳиза тақвият бахшида, барои солҳои наздик ба 500 миллион доллар ва дар оянда ба 1 миллиард доллар расондани гардиши мол заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# БА ИШТИРОКДОРОНИ КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАРАҶАИ ОЛИИ «ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДОИРАИ НАҚШАИ МУШТАРАКИ АМАЛИЁТ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ҶАҲОНИИ ЗИДДИТЕРРОРИСТИИ СММ»

**Муҳтарам сарони ҳайатҳои вакилон!**

**Муҳтарам роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ!**

**Хонумон ва ҷанобон!**

Шумо, иштирокдорони конфронси байналмилалӣ бахшида ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид ва Осиёи Марказиро, ки дар шарикӣ бо Раёсати зиддитеррористии СММ ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ташкил карда шудааст, хайрамақдам мегӯям.

Мехостам ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Антониу Гутерриш барои дастгирии ташаббуси мо дар мавриди баргузории ин форум изҳори сипос намоям.

Ба Котиби генералии САҲА хонум Ҳелге Шмид, муовини Котиби генералии СММ ҷаноби Владимир Воронков, роҳбари Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи превентивӣ дар Осиёи Марказӣ хонум Наталя Герман ва роҳбари идораи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ барои якҷоя ташкил кардани ин чорабинии муҳим арзи сипос менамоям.

Дастгирии шумо аз кори конфронс тасдиқи боварибахши пайравӣ ба муборизаи муштарак ба терроризм, дигар чолишҳо ва таҳдидҳо ба хотири таъмини амният ва суботи ҷаҳонӣ мебошад.

**Муҳтарам иштирокдорони конфронс!**

Имрӯз мо шоҳиди пурзӯр гардидани зиддиятҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ, паст шудани дараҷаи боварӣ ва ҳамкории байни мамлакатҳо мегардем. Дар баробари ин дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон маконҳои шиддат боқӣ монда, задухӯрдҳои мусаллаҳона давом доранд.

Пандемия, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти иқтисодӣ таъсир расондааст, ба ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ таъсири манфӣ мерасонад. Падидаҳои бухронӣ дар иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ нобаробарии ҷаҳониро пурзӯр гардонда, хатари тезутунд шудани низоъҳоро ба таври назаррас афзоиш дода, заминаҳои паҳншавии ғояҳои терроризмро фароҳам меорад.

**Дар чунин шароити душвор муттаҳид намудани саъю кӯшиши тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мубориза бар зидди таҳдидҳои рӯзафзуни глобалӣ ва минтақавӣ муҳим аст.**

15 сол қабл тамоми кишварҳои ҷаҳон Стратегияи глобалии мубориза бо терроризми СММ-ро якдилона тасдиқ карданд. Он аввалин **заминаи ҳуқуқии** ҳамаҷониба, дастҷамъӣ ва аз ҷониби умум эътирофгардида **барои муттаҳидсозии кӯшишҳои миллӣ ва байналмилалӣ** дар мубориза бар зидди терроризм гардид.

Соли 2011 Осиёи Марказӣ намунаи аввалини минтақавигардонии ин ҳуҷҷати барномавиро нишон дод, ки вақте ки ҳамаи панҷ кишвар барои татбиқи он **Нақшаи амалиёти муштаракро** қабул карданд.

Татбиқи Нақшаи мазкур имкон дод, ки консенсуси минтақавӣ оид ба тамоюлҳои умумӣ ва равишҳо дар мубориза бар зидди терроризм таҳким ёбад, механизмҳои самарабахши ҳамкорӣ ҳам дар заминаи дуҷониба ва ҳам дар заминаи бисёрҷониба фароҳам оварда шавад.

Кишварҳои минтақа низоми миллии мубориза бо терроризмро ташаккул доданд. Стратегияи амалиёти кишвар таҳия шуданд, ки ба тавсияҳои СММ комилан мувофиқанд.

Ба туфайли ин давлатҳои мо тавонистанд, ки ба муколамаи бештари сохторӣ ва пурсамар ворид шаванд, таҷриба ва иттилооти муҳимро мубодила кунанд, иқтидори зиддитеррористиро таҳким бахшанд ва бо талошҳои муштарак ба он чизе, ки танҳо анҷом дода намешавад, муваффақ гарданд.

Ва дар натиҷа имрӯз бисёре аз рейтингҳои бонуфузи байналмилалӣ Осиёи Марказиро дар қатори амнтарин минтақаҳои ҷаҳон қарор додаанд.

Дар солҳои охир дар ин ҷо дигаргуниҳои куллии мусбат ба амал омаданд. Байни мамлакатҳои минтақа пайваста муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ки ба тамоюлҳои дӯстӣ, нафъи мутақобила ва эътимод асос ёфтаанд, инкишоф меёбанд. Мулоқотҳои машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба татбиқи иқтидори бузурги кишварҳои мо дар таъмини амнияти минтақа ва рушди устувор мусоидат мекунанд.

Кишварҳои минтақа ба Афғонистон ҳамчун қисми ҷудонопазири Осиёи Марказӣ назар андохта, ба мардуми афғон кумакҳои башардӯстона мерасонанд, дар барқарорсозии иқтисоди осоишта ва ҷалби ин кишвар ба робитаҳои тиҷоратию иқтисодии минтақа аз ҳар ҷиҳат саҳм мегузоранд.

**Хонумон ва ҷанобон!**

Ўзбекистон 14 ҳуҷҷати асосии ҳамаҷонибаи байналмилалии ҳуқуқиро ба имзо расонд ва дар саъю кӯшишҳои глобалӣ оид ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ фаъол иштирок менамояд.

Сиёсати давлат дар ин самт ба муносибати ҳамаҷониба, фарогир ва пайваста асос ёфтааст. Чи хеле ки маълум аст, ин муносибат дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода бурдани тадбирҳои превентивӣ ва профилактикиро дар бар мегирад. Дар татбиқи самтҳои асосии Стратегияи глобалии зиддитеррористии СММ натанҳо мақомоти давлатӣ, балки ниҳодҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ фаъол иштирок мекунанд.

Афзалиятҳои калидӣ дар ин кор фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва густариши муколама дар ҷомеа, пешгирии низоъҳо, тарбияи маънавию ахлоқӣ, пешбурди таълим, аз он ҷумла касбомӯзӣ, таъмини шуғл ва ҳифзи иҷтимоии қишрҳои осебпазири аҳолӣ мебошанд. Ба муколамаи байни фарҳангҳо ва динҳо, тавонмандсозии ҳуқуқи занону ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Асоси фундаменталии мубориза бо терроризм дар Ўзбекистон таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, волоияти қонун мебошад. Мо боварӣ дорем, ки мубориза бо терроризм ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳадафҳое мебошанд, ки мухолиф набуда, балки ҳамдигарро пурра ва тақвият мебахшанд.

Боварӣ дорам, ки имрӯз шумо метавонед ҷараёнҳои ҳамкории моро дар доираи Нақшаи амалиёти муштарак ҳамаҷониба таҳлил карда, онро бо самтҳои нави муҳим пурра гардонед.

Дар ин замина мо пешниҳод менамоем, ки барои баланд бардоштани самаранокии муборизаи муштарак алайҳи терроризм ва ифротгароӣ як қатор пешниҳодҳо баррасӣ карда шаванд.

**Якум**. Аён аст, ки татбиқи бомуваффақияти минбаъдаи стратегияи зиддитеррористӣ дар минтақа **пурзӯр гардондани механизмҳои мониторинги доимӣ ва баҳодиҳии танқидии рафти татбиқи Нақшаи амалиёти муштарак, ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байни кишварҳои Осиёи Марказиро тақозо мекунад.**

Ба ин муносибат **мо ифтитоҳи идораи Раёсати зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳидро дар минтақаамон зарурати деринашуда мешуморем**.

Барои ба даст овардани самараи максималии синергетикӣ аз ҳамкориҳои ҳамоҳангшуда дар мубориза бо терроризм дар Осиёи Марказӣ мо пешниҳод менамоем, ки ҳамкории зичи он бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои амният машғуланд, таъмин карда шавад.

**Дуюм**. Имрӯз қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бо терроризм дар фазои маҷозӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Интернет ба воситаи паҳн кардани идеологияи радикалӣ, ҷалби одамон, расондани кумаки молиявӣ, ба нақша гирифтан ва анҷом додани фаъолияти террористӣ табдил меёбад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ВАЗИФАҲОИ БАРТАРИНОК ДОИР БА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 4 март ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба вазифаҳои бартариноки таъмини шуғли донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ баргузор гардид.***

Ояндаи мамлакат, муваффақияти тамоми ислоҳот ва лоиҳаҳо аз шахсони соҳибмаълумот, тафаккури нав, соҳибкасби кори худ вобаста аст. Аз ин рӯ дар мамлакатамон ба рушди таълим ва сармояи инсонӣ эътибори алоҳида нигаронда мешавад.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки ҳоло ҳозир дар муассисаҳои таълими олии мамлакат дар шуъбаи рӯзона 510 ҳазор донишҷӯ таҳсил менамоянд. Бинобар супориши Президент дар байни онҳо суҳбату пурсишҳо ба амал омада буд. Қариб 100 ҳазор донишҷӯ изҳор намуд, ки хоҳиши меҳнат кардан ва дарёфтани даромади иловагиро дорад. Аз ҷумлаи онҳо инчунин 7,5 ҳазор ятими бекас ва ногиро, 4,5 ҳазор донишҷӯёне, ки ба «дафтарҳо»-и гуногун дохил гаштаанд, ҳастанд.

– Донишгоҳ – ин оилаи калон. Роҳбари ин оила – ректор. Падару модарон ба шумо давлати бузурги худ, фарзанди худро бовар кардаанд. Аз ин рӯ ректорон бо ҳар як донишҷӯ шахсан вохӯранд. Аз вазъияти воқеӣ, аҳволи оилавӣ, давомот, ташвиш ва пешниҳодоти донишҷӯён хабардор бошад, дар ин хусус ҳар моҳ гузориш дода, масъулияти шахсиро ба ӯҳда мегиранд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки ҳоло ҳозир 105 ҳазор ҷойи кории холӣ вуҷуд дорад, ки онҳоро метавонанд донишҷӯён пур кунанд. Аз он ҷумла, дар соҳаи таълим ва хидматрасонӣ 22 ҳазор, саноат 17 ҳазор, тандурустӣ 9 ҳазор, хоҷагии қишлоқ ва сохтмон 6 ҳазорӣ, соҳаи молия 3 ҳазор, дар соҳаи алоқа ва IT 2,5 ҳазор ҷойи холии корӣ мавҷуд.

– Шахсони соҳибмансаб ба донишҷӯёне, ки хоҳиши кор кардан доранд, бояд кӯмак кунанд ва онҳоро бо кор таъмин намоянд, – гуфт роҳбари давлат.

Дар ҷамъомад муайян карда шуд, ки барои муназзам ташкил намудани ин кор комиссияи ҷумҳурӣ бо роҳбарии Сарвазир ташкил карда мешавад. Чунин комиссияҳо дар минтақаҳо низ зери роҳбарии ҳокимон таъсис меёбанд.

Комиссия якҷоя бо ҳокимон ва ректорон ҷойҳои холиро таҳлил менамоянд ва дар бобати бо кор таъмин намудани на камтар аз 30-40 фоизи донишҷӯёни курсҳои якум, дуюм ва сеюм дар ҳар як минтақа чораҳо меандешанд. Ғайр аз ин чорабиниҳо дар бобати омода намудани ҷойҳои корӣ барои донишҷӯёни курсҳои хатмкунанда ва ба таҷрибаомӯзии маошноки 3-4-моҳа фиристодани онҳо мусоидат менамоянд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки ба донишҷӯён бино ва иншооти холии муассисаҳои таълими олиро бепул ҷудо намуда, дар асоси ташкил намудани курсҳо, клубҳо ҷойҳои корӣ ба вуҷуд оварда, ба ташкили истеҳсолот ва дигар намудҳои хидматрасонӣ ташаббус зоҳир намудан мумкин аст.

Ба ректорон супурда шуд, ки барои 5 ҳазор донишҷӯ дарёфтани имконоти хидматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва соҳибкорон дар вобастагӣ аз ихтисосҳои муассисаҳои таълими олӣ ногузир мебошад.

Ба шахсони масъул дар муддати як моҳ ташкил намудани марказҳои бо шуғл фарогирӣ дар ҳар як муассисаи таълими олӣ, барои донишҷӯён бепул пешниҳод намудани хона ва бино барои ташкили на камтар аз 10 намуди курсҳои пулакӣ, хидмати маишӣ ва ғайра супурда шуд. Ба туфайли ин 5 ҳазор донишҷӯ бо кор фаро гирифта шуда, ба даромади иловагӣ дарёфтан шурӯъ менамоянд.

Аз ҷониби давлат барои дастгирии ин кор шароит фароҳам оварда мешавад. Аз он ҷумла, донишҷӯёне, ки курсҳои пулакӣ, сексияҳои варзишӣ ва дигар хидматро дар ҳудуди муассисаҳои олии таълимӣ ташкил менамоянд, аз андози даромад озод карда мешаванд. Умуман барои чунин лоиҳаҳои донишҷӯён 100 миллиард сӯм захираи кредит ҷудо карда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# БА ИШТИРОКДОРОНИ КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДАРАҶАИ ОЛИИ «ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВИИ МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДОИРАИ НАҚШАИ МУШТАРАКИ АМАЛИЁТ ОИД БА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ҶАҲОНИИ ЗИДДИТЕРРОРИСТИИ СММ»

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар чунин шароит рушди иқтидори давлатҳои мо дар соҳаи муқовимат бо истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ба мақсадҳои террористӣ басо муҳим аст.

Мо аз Раёсати мубориза бо терроризми СММ даъват менамоем, ки талошҳоро барои иҷрои Барномаи киберамният ва технологияҳои нав дар Осиёи Марказӣ, ки соли 2020 қабул шудааст, пурзӯр гардонад.

Дар доираи барномаи мазкур **мо созмон додани Шабакаи ягонаи электронӣ оид ба кибертерроризмро дар Осиёи Марказӣ муҳим мешуморем**, ки барои мусоидат ба рушди табодули таҷриба ва маълумот, тадқиқот ва таҷрибаи пешқадам дар ин самт пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин, хусусияти фаромарзии таҳдидҳои амниятӣ дар фазои маҷозӣ **созмон додани механизмҳои ягонаи ҳуқуқии байналмилалиро барои муқовимат бо зуҳуроти гуногуни ифротгароӣ ва терроризм дар соҳаи иттилоот тақозо менамояд**. Мо ба кумаки СММ дар ташкил ва ҳамоҳангсозии муколама оид ба ин масъала умед дорем.

**Сеюм.** Дар солҳои охир кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз 1500 нафар шаҳрвандони худро аз манотиқи низоъҳои низомӣ ба ватан баргардонданд ва барои офиятбахшӣ ва ҳамгароии онҳо равишҳои хос таҳия карданд.

**Ба ин муносибат мо пешниҳод менамоем, ки таҳти сарпарастии Раёсати зиддитеррористии СММ аз ҳисоби коршиносони варзидаи кишварҳои Осиёи Марказӣ Шӯрои коршиносии минтақавӣ таъсис дода шавад.** Вазифаи асосии он такмил додани барномаҳои офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шаҳрвандони радикалишуда, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба мубориза бо таблиғи терроризм дар кишварҳои мо хоҳад буд.

**Чорум.** Муҳимтарин шарти муқовимати бомуваффақият ба терроризми ифротгароӣ сиёсати муассир оид ба ҷавонон мебошад. Дар Стратегияи ҷавонони СММ омадааст, ки ҷавонон як манбаи арзишманд ва ҳаётан муҳим мебошанд, ки сармоягузорӣ ба он чандин маротиба бартарӣ медиҳад.

Ояндаи кишварҳои мо аз он вобаста аст, ки насли наврас чӣ гуна ба воя мерасад, онҳо чӣ гуна таълиму тарбия мегиранд, мо барои онҳо чӣ гуна шароит ва «бардоштҳои иҷтимоӣ» фароҳам меорем.

**Барои баррасии ҳамаҷонибаи ҳамаи ин масъалаҳо пешниҳод менамоем, ки Шӯрои доимии ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки қаблан пешниҳод карда будем, соли 2023 дар Самарқанд даъват карда шавад.** Бинобар натиҷаи вохӯрӣ таҳияи Нақшаи амали ҷиддӣ ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи ҷавонони кишварҳои мо, табодули таҷриба дар самтҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои худтатбиқкунии насли наврас ва дар онҳо ташаккул додани иммунитети устувори ғояҳои экстремизм ва терроризм муҳим аст.

**Панҷум.** Дар Стратегияи ҷаҳонии мубориза бо терроризми СММ, чӣ хеле ки медонед, таблиғи ғояву тамоюлҳои таҳаммулпазирӣ, эҳтироми мутақобила, муколамаи байни динҳо ва фарҳангҳо бо иштироки тамоми қишрҳои ҷомеа мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Дар соли 2018 бо ташаббуси Ӯзбекистон Ассамблеяи генералии СММ қатъномаи махсуси «Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ»-ро қабул кард, ки дар он муҳим будани барҳам додани бесаводӣ ва ҷаҳолат, қарор додани таҳаммулпазирӣ, эҳтироми мутақобила ва ҳусни тафоҳум баҳри мустаҳкам кардани бехатарӣ ва сулҳ дар сайёра таъкид меёбанд.

**Пешниҳод менамоем, ки дар соли оянда таҳти сарпарастии СММ конфронси сатҳи олии «Маърифат ва таҳаммулпазирии динӣ» баргузор карда**, дар пайи он самтҳои пешомадноки ҳамкориҳои амалӣ дар пешбурди ғояҳои дар Қатъномаи махсуси СММ ифодаёфта муайян карда шаванд.

**Хонумон ва ҷанобон!**

Кӯшишҳои мо дар самти пешгирӣ ва мубориза бо терроризм танҳо дар сурати ҳамоҳангсозии самарабахш дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ самаранок хоҳад буд.

Маҳз аз ин рӯ анҷумани кунунӣ, Эъломияи Тошканд, ки имрӯз қабул шуд ва Нақшаи амалиёти муштараки навшуда оид ба татбиқи Стратегияи ҷаҳонии зиддитеррористии СММ дар Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса доранд.

Ба ҳамаи иштирокдорони Конфронси байналмилалӣ кори пурсамар, мубоҳисаҳои ҷолиб, таҳияи пешниҳоду ташаббусҳои нав, ки ба таҳкими амният ва суботи байналмилалӣ нигаронда шудаанд, орзумандам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# САФАРИ ТАЪРИХӢ ҲАМКОРИРО БА ЗИНАИ НАВ МЕБАРОРАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бинобар ҷамъбасти анҷумани тиҷоратӣ, ки дар арафаи сафари Президенти Ӯзбекистон баргузор гардид, дар Исломобод созишнома дар бораи татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ба маблағи 800 миллион доллар дар соҳаҳои бофандагӣ, дорусозӣ, сохтмон, саноати кимиё, бонку молия ва дигар ба даст омаданд. Таъкид шуд, ки ҳамаи ин лоиҳаҳо ба барномаи кооператсияи саноатӣ дохил карда шуда, иҷрои онҳо таҳти назорати қатъӣ гирифта мешавад.

Сарвари давлатамон аз шарикони покистонӣ даъват кард, ки портфели лоиҳаҳои муштаракро зиёд кунанд.

– Имрӯз ман мехостам пешниҳодҳои дақиқи шуморо шунавам. Дар ин ҷо аъзоёни ҳукумат, шахсони масъули соҳаҳои саноат ҷамъ омаданд. Мо омодаем фароҳам овардани тамоми шароиту кафолатҳои барои тиҷорати шумо дар Ӯзбекистон заруриро баррасӣ намоем, – гуфт Президент.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба самтҳои нави ҳамкорӣ ва имкониятҳо дар солҳои гуногун табодули афкор намуданд. Лоиҳаҳои пешомаднок мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сарвари давлатамон нақшаҳои тоҷирони Покистонро маъқул дониста, ба шахсони масъул дастур дод, ки «харитаи роҳ»-ро таҳия кунанд, ки он тамоми ташаббусҳо ва шартномаҳоро дар бар мегирад.

Президент Шавкат Мирзиёев аз маҷмӯи миллии меъмории «Муҷассамаи Покистон» дидан кард.

Маҷмӯъ, ки дар шаҳри Исломобод ҷойгир аст, тақрибан 3 гектар майдонро фаро мегирад. Он соли 2007 пас аз се соли сохтмон кушода шуд. Шакли маҷмӯъ ба гули шукуфон шабоҳат дорад. Чор гулбаргҳои калон чаҳор музофоти Покистонро ифода мекунад. Сазовори эътибор аст, ки маҷмӯъ дар асоси анъанаҳои меъмории Бобуриҳо бунёд карда шудааст. Дар ин ҷо музейи таърихӣ низ фаъолият нишон медиҳад.

Ба сарвари давлатамон дар бораи таърихи ин маҷмӯъ нақл карданд.

Сипас Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Исломобод бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Ориф Алвӣ вохӯрд.

Президентҳо ҳамдигарро самимона хайрамақдам гуфта, аз густариши ҳамаҷонибаи муносибатҳои шарикии стратегии байни ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карданд.

Аҳамияти таърихии сафари давлатии кунунии Президенти Ӯзбекистон ба Покистон, ки ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо такони пурқувват мебахшад, таъкид гардид.

Соли 2022 давлатҳои мо санаи муҳим – 30-юмин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатиро ҷашн мегиранд. Дар давоми ин солҳо дараҷаи баланди муколама ва ҳамкории сиёсӣ ба даст омад.

Муомилоти моли байниҳамдигарӣ мунтазам меафзояд. Соли гузашта сарфи назар аз пандемия он беш аз 50 фоиз афзоиш ёфт.

Дар рафти вохӯрӣ масъалаҳои мубрами густариши пайвастаи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сарони давлатҳо аз созишномаҳое, ки дар ҷараёни сафари давлатӣ ба Покистон ба даст омаданд, истиқбол карданд. Ҳамзамон иқтидори бузурги мавҷуда барои таҳкими ҳамкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи гуманитарӣ қайд гардид.

Президенти мамлакатамон ба ҳамоҳанг будани ташаббусҳои Ӯзбекистон ва Покистон дар соҳаи илм, таълим, технологияҳои баланд ва сиёсати ҷавонон ба мақсадҳои мамлакатамон оид ба фароҳам овардани таҳкурсӣ барои Эҳёи сеюм эътибор доданд.

Омодагӣ ба рушди ҳамаҷонибаи самти мазкури шарикӣ тасдиқ карда шуд. Президенти Ӯзбекистон пешниҳод кард, ки платформаи кумитаи доимии ҳамкории илмию техникии Созмони ҳамкории исломӣ «КОМСТЕК» барои мунтазам баргузор намудани чорабиниҳои илмию амалӣ оид ба астрономия, астрофизика, физика, математика, вирусология ва робототехника истифода шавад.

Инчунин оид ба масъалаҳои рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн табодули афкор сурат гирифт. Ба ҷанбаҳои бехатарии минтақавӣ ва вазъ дар Афғонистон таваҷҷуҳи алоҳида дода шуд.

Шавкат Мирзиёев ба Ориф Алвӣ барои пазироии самимӣ изҳори миннатдорӣ карда, ба муносибати фарорасии ҷашни миллӣ – Рӯзи Покистон муборакбодии самимӣ ва таманноҳои беҳтарин изҳор намуд ва даъват кард, ки дар фурсати барояш қулай ба кишварамон ташриф орад.

Вохӯрӣ дар вазъияти гарму ҷӯшон ва дӯстона гузашт. Ҷонибҳо пайравиашонро ба минбаъд амиқ гардондани муносибатҳои бисёрҷониба тасдиқ намуданд.

Бо ҳамин сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Покистон ба охир расид.

**ӮзА.**



*Хоҷагии фермерии “Умид”-и ноҳияи Чиноз соли 2001 ташкил ёфтааст ва ба он Бисенгул Жолтаева роҳбарӣ мекунад. Майдони умумии хоҷагӣ 60 гектар буда, дар 33 гектари он гандум, 20 гектар пахта, 3 гектар соя ва дар замини боқимонда сабзавоту зироатҳои полизӣ кошта нақшаи давлатӣ барзиёд иҷро мегардад. Дар хоҷагӣ 11 нафар меҳнат мекунанд. Соли гузашта навъи пахтаи С–65-24 кошта шуда, аз он 63 тонна пахта ба хирмани давлат супурда шуда буд. Даромади умумии он 218 миллион сӯмро ташкил намуда, қариб 170 миллион сӯм фоида ба даст оварда шуд. Инчунин аз навъи “Краснодар” ба ҷойи 85 тонна 90 тонна ҳосил рӯёнда шуд. Дар тасарруфи хоҷагӣ 1-то трактори присепдори Т-28, 1-то култиватори МТЗ-80, 1-то трактори “Арион” мавҷуд аст. Алҳол барои коштани навъи “Бухоро-8” майдонҳоро омода месозанд.*

***Дар акс:** дар хоҷагии фермерии “Умид”.*

***Аксбардор: Д. АҲМАД.***

# ДАР ПОКИСТОН МУАРРИФИИ КИТОБИ «ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ: СТРАТЕГИЯИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ» БАРГУЗОР ШУД

***Дар Покистон муаррифии китоби «Шавкат Мирзиёев: Стратегияи Ӯзбекистони Нав», ки ба забони урду чоп шудааст, баргузор гардид.***

Чорабинӣ аз ҷониби Вазорати иттилооти Покистон ва Донишгоҳи Панҷоб дар ҳамкорӣ бо Маркази тадқиқоти глобалӣ ва стратегӣ (МТГС) дар Исломобод ташкил карда шуд.

Дар маросими муаррифӣ муовини вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Фурқат Сидиқов, ноиби президенти Академияи илмҳо Баҳром Абдуҳалимов, муовини вазири иттилооти Покистон Мубашар, ректори Донишгоҳи Панҷоб, профессор Салим Мазҳар, намояндагони марказҳои бонуфузи таҳлилӣ ва васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Иштирокдорони чорабинӣ бо ислоҳоти васеъмиқёси сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодие, ки таҳти роҳбарии Президенти Ӯзбекистон татбиқ мегарданд, муфассал шинос карда шуданд. Чорабиниҳо оид ба ҳифзи мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи ӯзбек, хусусан марбут ба давраи Бобуриҳо васеъ дастгирӣ ёфтанд.

Зикр гардид, ки сиёсати нави хориҷии Ӯзбекистон на танҳо барои таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ, балки барои ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, пеш аз ҳама бо Покистон шароити мусоид фароҳам овардааст.

**Сармуҳаррири телеканали маркази «PTV World» Разо Хон** қайд кард, ки дурнамои стратегии Президенти Ӯзбекистон имкониятҳои нави минтақавиро боз мекунад. Ба андешаи ӯ, пуштибонии раҳбарони Ӯзбекистон ва Покистон аз бунёди роҳи оҳани «Тирмиз—Мазори Шариф—Кобул—Пешовар» имкон медиҳад, ки орзуи деринтизори мардуми ду минтақа — алоқаи байниҳамдигарии пойдор ва нашъунамои иқтисодӣ, аз ҷумла дар Афғонистони ҳамсоя ҷомаи амал пӯшад.

**Муовини вазири иттилоот Мубашар** таъкид кард, ки бори нахуст дар таърихи равобити дуҷониба дар Покистон китобе дар сатҳи баланди илмӣ бо дастгирии мақомоти Покистон нашр шуд, ки моҳият ва мӯҳтавои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати «Ӯзбекистони Нав»-ро ифшо мекунад. Ин афзудани шавқро ба омӯзиши таҷрибаи татбиқи ислоҳоти ба иҷтимоиёт нигарондашудаи мамлакат, ки аҳолии он ба мисли Покистон ба арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ содиқанд, далолат медиҳад. Ӯ таклиф кард, ки таҷрибаи нашри мақола дар бораи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии Президенти Ӯзбекистон ба забони урду идома дода шавад, то ки аҳли ҷамъияти Покистон бо дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакати мо муфассал шинос шавад.

«Ин ба дарки амиқтар шудани ормонҳои ду халқи бародар ва роҳбарони онҳо барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, таҳкими обрӯи байналмилалии кишвар ва робитаҳои эътимодбахш бо шарикони хориҷӣ мусоидат хоҳад кард», — гуфт муовини вазир.

**Ректори Донишгоҳи Панҷоб Салим Мазҳар** шабоҳати афзалиятҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсати хориҷии Ӯзбекистон ва Покистонро қайд кард.

«Аз ин рӯ, ҳукумат, доираҳои коршиносӣ ва илмии Покистон ба омӯзиши ташаббусҳои минтақавӣ ва дастовардҳои иқтисодии «Ӯзбекистони Нав», аз ҷумла барои муайян кардани «нуқтаҳои рушд»-и ҳамкориҳои дуҷониба таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Ӯзбекистон ва Покистон муҳаррикҳои асосии робитаҳои минтақавӣ хоҳанд шуд, ки дар оянда ба ташаккули фазои нави иқтисодӣ дар «Осиёи Бузург» имкон медиҳад, — илова намуд Салим Мазҳар.

**Профессори «Мактаби сиёсат ва равобити байналмилалӣ» Ҷаспал** гуфт, ки шабоҳати дидгоҳҳо ва бархӯрдҳои сиёсии Президенти Ӯзбекистон ва Сарвазири Покистон ба пояи равобити эътимодбахши шарикии стратегӣ байни кишварҳои мо табдил ёфтааст.

«Ҳамоиши дарпешистодаи Ӯзбекистону Покистон дурнамои нави ҳамкориҳои дуҷониба, таҳкими амнияти минтақавӣ ва ҳалли вазъ дар Афғонистонро боз мекунад», — гуфт ӯ.

**АИ «Дунё»,**
*ИСЛОМОБОД.*

# ВАЗИФАҲОИ БАРТАРИНОК ДОИР БА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба ректорон супурда шуд, ки дар муддати як моҳ ба ташкил намудани марказҳои коворкинг дар ҳудуди муассисаҳои олии таълимии худ шурӯъ кунанд, то ки донишҷӯён тавонанд дар вақти холии худ кор кунанд ва даромад гиранд.

Боз беш аз 3 ҳазор донишҷӯ ба корҳои роҳбарикунанда, техникӣ, сервис ва вазифаҳои муаллимӣ дар муассисаҳои таълими олӣ метавонанд машғул гардад.

Ҳамин тариқ, дар Академияи тиббии Тошканд 70 нафар донишҷӯён бо шуғлҳои коргузорӣ, лаборантӣ, китобдорӣ ва анбордорӣ машғуланд. Аммо ҳоло бисёр вазифаҳо дар муассисаҳои олии таълимӣ вуҷуд доштани маълумоти олиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ба тариқи истисно ба ректорон иҷозат дода мешавад, ки донишҷӯёнро бинобар дониш ва потенсиалашон дар низоми худ ба вазифаҳо таъин намоянд.

Ғайр аз ин, ба донишҷӯён кор кардан дар тамоми мақомот ва муассисаҳои давлатӣ иҷозат дода мешавад.

Барои мисол, дар мактаб ва кӯдакистонҳои шаҳрҳо, ки бо донишгоҳҳо наздик ҷойгиранд, 13 ҳазор ҷойи корӣ мавҷуд аст. Ба шахсони масъул вазифаи бо кор таъмин намудани на камтар аз 10 ҳазор донишҷӯ дар мактаб ва кӯдакистонҳо супурда шуд.

Дар асоси таҷрибаи Бонки марказӣ дар низоми вазоратҳои иқтисодиёт, молия, сохтмон, энергетика, хоҷагии қишлоқ ва об, мақомоти андоз ва кадастр низоми ташкили таҷрибаомӯзии пулакӣ барои донишҷӯён бо минбаъд бо кор таъмин намудани беҳтарин таҷрибаомӯзон татбиқ карда мешавад.

Бинобар ин низоми нав ҳар сол 3 ҳазор нафар донишҷӯён бо кор таъмин хоҳанд гардид.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки соли 2022 дар лоиҳаҳои илмиву тадқиқотие, ки аз ҷониби грантҳои давлатӣ таъминоти молиявӣ доранд, на камтар аз 3 ҳазор донишҷӯ бояд ҷалб гарданд. Бо ин мақсад вазифа гузошта шуд, ки на камтар аз 40 фоизи ҳайати гурӯҳҳои илмиву тадқиқотӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ аз ҷумлаи донишҷӯён ташаккул дода шаванд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки ҳокимони вилоятҳо ва шаҳрҳо бояд якҷоя бо ректорон низоми ҳамкории муассисаҳои таълими олиро бо сектори хусусӣ роҳандозӣ намуда, 30 ҳазор нафар донишҷӯро бо кор таъмин кунанд. Зикр шуд, ки ҳокимони минтақаҳо якҷоя бо кордиҳандагон ярмаркаи ҷойҳои корӣ ва таҷрибаомӯзӣ, мулоқотҳои кории донишҷӯёнро ташкил менамоянд.

Дар зарфи ду моҳ ҳокимони минтақаҳо низоми ҳамкории муассисаҳои олии таълимиро бо ширкатҳои бузург, кластерҳо ва дигар корхонаҳое, ки то охири сол имкони бо кор таъмин кардани 10 ҳазор донишҷӯро доранд, роҳандозӣ намоянд.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки соли 2021 низоми таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ ба вуҷуд оварда шуда буд. Аммо кор дар ин самт на дар ҳамаи минтақаҳо бо низом бурда мешавад. Роҳбарони минтақаҳо ва ректорҳои муассисаҳои таълими олие, ки дар зарфи як моҳ ба тағйироти мусбӣ ноил намегарданд, огоҳ карда мешаванд, ки аз вазифа сабукдӯш мегарданд.

Татбиқи тартибе муайян карда шуд, ки бинобар он 50 фоизи харҷи сохтмони хобгоҳ аз ҳисоби буҷет сарпур карда мешавад, агар муассисаи олии таълимӣ омодагии худро аз сарпур намудани 50 фоизи боқимонда аз ҳисоби маблағи худ изҳор намояд.

– Боз як масъалаи муҳим. Имрӯз дар муассисаҳои таълими олии Украина беш аз 370 нафар ҷавононамон таҳсил менамоянд, қариб 200 нафари онҳо ба ватан баргардонда шуданд. Тамоми чораҳоро меандешем, ки боқимондаҳоро низ дар зарфи ҳафтаҳои наздик боз гардонем, – гуфт Президент.

Супурда шуд, ки комиссияи дахлдор созмон дода, дар муддати як ҳафта тамоми шароит барои баргаштани донишҷӯён аз Украина ва идома додани таҳсил дар муассисаҳои таълими олии мамлакатамон фароҳам оварда шавад.

Шахсони масъул дар бораи корҳои оянда дар бобати татбиқи вазифаҳое, ки дар ҷамъомад муҳокима гардиданд, маълумот доданд.

**ӮзА.**

## ХАБАРҲО

### ДАР ДОИРАИ ЛОИҲАИ “ОВОЗАҲОИ МАҲАЛЛА”

***Таҳти ҳамкории ҳокимияти шаҳри Тошканд ва як қатор созмонҳои ҳамкор гузаронидани тадбирҳои маънавию варзишӣ дар доираи лоиҳаи “Овозаҳои маҳалла” идома дорад.***

Чорабинии навбатӣ “Суратҳо дар деворҳои маҳалла” унвон гирифт. Мақсад – ороишоти ҷойҳои ба чашм намоён (масалан, пештоқи биноҳои нави истиқоматӣ, деворҳо, зинапояҳо ва ҳоказо) бо расмҳо, плакатҳо,миниатюраҳо, пейзажҳо, тасвираю нақшҳое, ки дар асоси ғояи муайяне офарида шуда, ба кас завқи эстетикӣ мебахшанд. Дар чорабинӣ рассому наққошҳо, меъморон, шаҳрсозон ва блогеру журналистон иштирок намуданд. Умед аст ба амал баромадани фикрҳое, ки дар ҷамъомади имрӯза баён шуданд, ба боз ҳам зебо ва тамошобоб шудани гӯшаҳои ҷудогонаи маҳаллаҳои пойтахт ва ҳусни биноҳои истиқоматиамон мусоидат менамояд, гуфта шуд дар чорабинӣ.

Дар доираи лоиҳае, ки зикр шуд, дар муассисаи таълими томактабии рақами 25-уми ноҳияи Олмазор низ гирдиҳамоӣ доир гашт. Асосан пиронсолон, шахсони танҳо ва камтаъмину ногироҳо меҳмони чорабинӣ буданд. Тадбир бо садо додани мусиқии классикӣ оғоз ёфт. Рақсу суруд дар иҷрои санъаткорони хонаи маданияти ноҳия ба ҳозирон таассуроти хуб бахшид. Артисти хидматнишондодаи ҷумҳурӣ Саида Раметова бо қироати шеър ва иҷрои таронаҳои мардумӣ, суханрониҳои дилчасп ба барномаи мусиқӣ-маънавӣ ранги дигар бахшид.

### РАНГҲОИ НОТАКРОРИ ТИФЛӢ

***Ба пешвози 8 Март – Рӯзи бонувон дар саросари ҷумҳурӣ, хусусан, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ чорабиниҳои идона рӯи кор меоянд.***

Яке аз ин гуна тадбирҳо дар муассисаи таълими томактабии рақами 156-уми ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд баргузор гардид. Дар иҷрои хурдтаракон сурудҳое садо доданд, ки дар васфи Ватан, модар, мактаб, китоб гуфта шудаанд. Падару модарон, ки иштирокдор буданд, аз ҳунарнамоии фарзандони кӯчаки худ завқ бурданд. Дар рақсҳои миллӣ орзуву ормонҳои поки кӯдак, латофати олами тифлӣ, нозакати “гулҳои ҳаёт” ифода ёфта буданд. Маълум гашт хурдтаракон дар шеърхонӣ ва намоиши саҳначаҳо низ маҳорати хуб доранд. Дар намоиши расмҳо, ки ташкил гашт, рангҳои нотакрори дунёи зебову беғубори тифлиро ҳис кардан мумкин буд.

### “МАЛИКАҲО”-И ДОНИШГОҲ

***Он рӯз маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбек ба номи Алишери Навоӣ идгоҳро мемонд. Хусусан, дар дили донишҷӯдухтарон завқ ҷӯш мезад. Онҳо донистан мехостанд дар озмуназназаргузаронии идона тоҷи “Маликаи донишгоҳ” ба кӣ насиб мекарда бошад.***

Донишгоҳ чаҳор факулта дорад. Аз ҳар факулта дунафарӣ духтарони то синни 30 бо донишу ҷаҳонбинӣ, зуккоиву чолокӣ, санъатварию ҳунармандӣ ва баромадҳои бадеӣ, ҷамъ дар ҳафт шарт ба чӣ қодир будани худро намоиш карданд.

Ҳайати ҳакамон ба хулосае омаданд, иштирокдорон бо тайёрии пухта омадаанд ва ҳамаашонро “шоҳдухтарҳои дорулфунун” гуфтан мумкин. Гуфта шуд ин гуна чорабиниҳо дар омодагии духтарон ба оиладорӣ, ташаккули муносибати онҳо ба ҷамъият низ нақши равшан хоҳанд бозид.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# “ДУРДОНАИ ШАРҚ” — МАҶАЛЛАИ АДАБӢ, ИЛМӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОНИ ЎЗБЕКИСТОН

***Дар Китобхонаи марказии ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд ҷамъомади навбатии шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар вилояти Самарқанд баргузор гардид. Чорабиниро сарвари шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Т.Тугалов ҳусни ифтитоҳ бахшид.***



Сипас, роҳбари шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар вилояти Самарқанд Асадулло Шукуров доир ба корҳои анҷомдодаи шуъба маълумот дод:

– Давраи нави зиндагӣ ва эҷод дар Ўзбекистон фаро расид. Дўстии халқҳо ва ҳамҷиҳативу ҳамдилӣ асоси Ўзбекистони нав гардид. Сарҳадҳо боз шуданд. Бахусус, дўстии азалии ўзбекону тоҷикон барқарор шуд. Мардумони мо, аз ҷумла, шоиру нависандагон ва аҳли илму фарҳанги Самарқанд аз ин сиёсати хирадмандонаи Президенти муҳтарамамон шоду мамнунанд, ки дар эҷоди онҳо шукрона бар Ватани ободу озод ва тараннуми дўстӣ ба назар мерасад.

Аз падидаҳои Ўзбекистони Нав аст, ки шуъбаи тоҷикии Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон 30-юми июни соли 2021 дар Самарқанд фаъолияти худро оғоз кард.

Дар як муддати кўтоҳ корҳои зиёде ба роҳ монда шуданд. Чандин анҷуманҳои адабӣ-фарҳангӣ гузаронида шуданд. Зиёда аз 50 номгўй китобҳои бадеӣ бо забони тоҷикӣ рўйи чопро диданд.

Хонаи эҷодии табъу нашри “Маҳорат” ташкил гардид.

Инак, дар Ўзбекистони соҳибистиқлол бори нахуст маҷаллаи адабию илмӣ ва фарҳангие бо забони тоҷикӣ таҳти номи “Дурдонаи Шарқ” нашр мешавад. Рўшанфикрони диёрамон солҳои зиёд ин орзуро дар дил мепарвариданд.

Нақшаҳо зиёданд. Мо қарор додем, ки алҳол мувофиқи имконоти худ маҷалларо ҳамчун фаслнома, яъне соле ҷаҳор маротиба чоп кунем. Дар саҳифаҳои маҷаллаамон беҳтарин осори илмиву адабии эҷодкорони кишварамон ва шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон ҷой мегирад. Барои навқаламон саҳифаҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд.

Ҳамчунин, ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон қабул намудани эҷодкорони ҷавони умедбахш мақсади асосии мост. Дар назди худ мақсад гузоштаем, ки дар Самарқанд Музейи адабиётро ташкил намоем, – таъкид намуд Асдулло Шукуров.

Дар чорабинӣ сармуҳаррири рўзномаи вилоятии “Овози Самарқанд” Баҳодур Раҳмонов, раиси Маркази миллии тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд Акбар Маҳмудов, профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ҷумъа Ҳамроҳ ва Аслиддин Қамарзода перомуни нашрияи нав изҳори ақида карданд.

**Асалой САРХАТЗОДА.**

*Муносибат*

***1 марти соли равон дар ҷамъомади видеоселекторӣ таҳти раёсати Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев чораҳои муҳиме, ки ба сатҳи нав баровардани низоми дастгирии бонувон, минбаъд баланд бардоштан ва таҳкими нақши бонувон дар ҷамъият, инчунин пурзўр гардондани ҳифзи иҷтимоии онҳо, пешгирии хушунат дар оила, барқарор намудани баробарии гендерӣ нигаронда шудааст, муайян шуданд.***

# ЗАНОН БА БУНЁДКОРОНИ ФАЪОЛИ ТАРАҚҚИЁТИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ТАБДИЛ МЕЁБАНД

Ба ҳама маълум аст, ки занони мамлакати мо дар рушди Ўзбекистони нав ҳиссаи сазовор мегузоранд. Тавре ки Сарвари давлатамон қайд кард: «Зиндагии имрўза ва ояндаи дурахшон бешубҳа аз занон вобаста аст, ки пояи оила ва ҷомеа мебошанд».

Солҳои охир масъалаи баланд бардоштани иқтидори сиёсиву иқтисодӣ, ҳуқуқии занон ва баробарии гендерӣ ба масъалаи сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ вазифа гузошта шуд, ки соҳаи дастгирии занон ба зинаи комилан нав бардошта шавад.

Ба мақсади таъмини татбиқи низомноки вазифаҳои муайяншуда дар ҳар як маҳалла Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои занон ва оила созмон дода мешавад. Акнун фаъолияти сохтори давлатии марбут ба масоили занон ва пешбурди сиёсати давлатӣ дар ин самт ба роҳ монда мешавад.

Дар назди Кумита ва зиёда аз 9 ҳазор маҳаллаҳои ҷумҳурӣ вазифаҳои занони фаъол ҷорӣ карда мешаванд. Онҳо аз ҳисоби занони ботаҷриба, бонуфуз, ташаббускор ва фаъоли маҳалла низ дар асоси озмуни ошкоро ба вазифаҳо таъин карда шуда, бо масъалаҳои марбут ба занон машғул мешаванд.

Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти кадрҳои арзанда дар заминаи шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар сатҳи поёнӣ, яъне дар маҳаллаҳо интихоб ва ба роҳ монда шавад.

Президент оид ба куллан пурзўр гардондани ҳифзи иҷтимоии занон ва аз нав дида баромадани муносибат дар ин самт, барқарор намудани сиҳатии бонувон ва расондани хидмати пурихтисоси тиббӣ ба онҳо, рушди минбаъдаи соҳибкорӣ, дастгирии минбаъдаи заноне, ки шавқи хондан доранд, дар ҳамаи дараҷаҳои низоми таълим вазифаҳои дақиқ муайян намуд.

Ҳамин тариқ, инҳо ба назар гирифта шудаанд:

низоми аз ҷониби давлат пардохтани кумакпулӣ оид ҳомиладорӣ ба заноне, ки дар сектори хусусӣ кор мекунанд, фароҳам оварда мешавад;

пардохт барои нигоҳубини кўдакон дар боғчаҳои давлатӣ барои фарзандони занони танҳои эҳтиёҷманд аз ҳисоби буҷет таъмин карда мешавад;

дар соли 2022 ҳадди ақал 40% субсидияҳо оид ба вомҳои ипотекӣ ба занон дода мешаванд;

ёрии тиббии баландтехнологӣ ба таври илова ба 6000 нафар занон расонда мешавад;

3 миллион зан аз скрининги саратон гузаронда мешаванд;

Барномаи дастгирии таҳсилоти занон барои солҳои 2022-2026 таҳия шуда, ҳиссаи духтарони донишҷў дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ, техника ва ҳуқуқшиносӣ, ки ҳиссаи занон кам аст, аз 24 фоизи феълӣ то 40 фоиз зиёд карда мешавад;

ба донишҷўёне, ки тифли хурдсол доранд, барои таълими фосилавӣ шароит муҳайё карда мешавад;

аз соли нави таҳсил маблағи шартномаи духтароне, ки дар магистратура мехонанд, аз буҷа пурра пўшонда мешавад;

барои занони докторантура ҳар сол на камтар аз 300 квотаи мақсаднок ҷудо карда мешавад.

Ба амал баровардани чунин имкониятҳои васеъ, бешубҳа, ба он хидмат мекунад, ки занон ба бунёдкорони фаъоли тараққиёти Ўзбекистони нав табдил меёбанд.

**М. ҚОДИРХОНОВА, раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои занон ва баробарии гендерӣ.**

*Мавзўъ барои мулоҳиза*

# ЭҲЁИ ТАБИАТ — ҚАРЗИ МУҚАДДАСИ ҲАМА

***Имрўзҳо муносибати бефарқонаву бераҳмонаи баъзе шахсони аз маданияти экологӣ фарсаххо дур, ки ба масъалаҳои сарсабзу обод намудани муҳити зист аз паси панҷа менигаранд ва аз сарватҳои табиат одилонаву оқилона истифода намебаранд ва боз “болои сўхта намакоб” гуфтагӣ барин ба ҷойи хостаашон партофтани хасу хасрўбаҳо, боқимондаи сигору коғазҳои яхмосу ширинӣро дидан табъро хира мекунад.***

Боре тавассути шоҳроҳи «Самарқанд – Оҳалик» пули рўди Дарғамро убур мекардем, нақлиёти сабукрави гаронбаҳо суръаташро суст карду касе аз тирезаи ақиб халтаи даҳонбастаи партовро сўйи дарё андохт.

Вақтҳои охир манзараҳои аз ин ҳам нохушро дар назди биноҳои бисёрқабата ва шифохонаҳои шаҳр мебинем, ки баъди чодари сиёҳ пўшидани осмон аз тирезаҳо коғазпораҳои фишурда, пўсти маҳсулоти полизу мева, писта, халтачаҳои селафанӣ ва ғайра мисли метеорит «парвоз» доранд. Ана баъд аз субҳи содиқ бечора кўчарўбу фаррошон (албатта бо дуои бади «дасташ шиканад!») бо тоза кардани партов овораанд.

Пас аз танқид дар расонаҳои ахбор ва талаби замон дар кўчаҳои марказӣ, назди хонаҳои истиқоматӣ, гузару маҳаллаҳои Самарқанд қуттиҳои партовро гузоштанд, ки пагоҳ ва бегоҳ нақлиёти махсус партовро ҷамъ карда, аз шаҳр берун баранд. Аммо сад афсўс, ки ашхоси худбин хасу хокрўбаҳои хонадонро ба қуттии махсус не, атрофи он партофта мераванд. Агар шумо, «Ҳой, инсоф доред, чаро ин тавр мекунед, ана қуттӣ-ку?!» гўед, густохона «ходимони идораи ободонӣ барои кадом корашон маош мегиранд?» гуфта дўғ ҳам мезананд.

Кас аз таааҷҷуб гиребон медораду халос. Дуруст, ин турфа мардум дар гўшаву канори Самарқанд манзил гирифтаанд ва фикр мекунанд, ки дар деҳот чунин рафтор кардан мумкин асту чаро дар шаҳр не?!

Ба назари мо чунин ашхосе, ки меҳнату заҳмати кўчарўбу фаррошҳоро қадр намекунанд, бояд ҷарима гардида, ба тартиб оварда шаванд.

### Аз японҳо ибрат гирем

Ба масъалаи тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист ва аз айёми бачагӣ насли наврасро ба қадри заҳмати фаррош расидан ёд додан дар дунё ягон халқ ба японҳо баробар набошанд. Дар мактабҳои Ҷопон вазифаи фаррош нест. Дар кишвари офтоббаро хонандагон пас аз дарс бо навбат, дастҷамъона синфхона, долон ва ҳавлии таълимгоҳро мерўбанд, мешўянд ва ба тартиб меоранд. Шояд аз ҳамин сабаб кўча ва хиёбонҳои ин кишвар тозаву озода.

Ҳоло дар дунё ҳамчун шаҳри сабз, зебо, гулпўш ва ҳавояш тоза Сингапур эътироф шудааст. Агар шумо дар ин мамлакат ҳангоми ба кўча боқимондаи сигор, коғази ширинӣ ёки қуттии яхмос партофтан ба даст афтед, бори нахуст 300 доллар, даъфаи дуюм ҳазор доллар ҷарима медиҳед. Дар қитъаи Австралия шишаи холиро дар истироҳатгоҳ ёки кўча гузоред, чеки 90 евро ҷарима интизори шумо аст. Ба наздикӣ ҳукумати ин давлат қонун қабул кард, ки агар шахс партовро ба ҷойи махсус нагузорад ва ё ба намудҳо ҷудо накунад, аз 5 то се ҳазор евро ҷарима месупорад.

Мардуми Олмон натанҳо бо хислатҳои нукта ба нукта, пухтакору мураттаб, инчунин табиатдўстӣ куллан фарқ мекунанд. Дар боби 29-уми кодекси ҷиноии кишвари мазкур қайд шудааст, ки шахси қонуншикан доир ба масъалаи зарар овардан ба обанборҳо, қишри замин, ҳаво, хуллас табиат то панҷ сол, агар зиёнрасонӣ бештар бошад, то 10 сол аз озодӣ маҳрум мешаванд.

Воқеан, шаҳри Калгарии Канада маҳз аз ҷаримаандозӣ ба қонуншикании эҳёи табиат ба яке аз шаҳрҳои тозаи қитъаи Амрико табдил ёфт. Зеро шахсе, ки пасмондаи сигорро аз тирезаи мошин партояд, ҳазор доллар ҷарима хоҳад дод. Агар аз воситаи нақлиёт партовро ба сўе ғурронад, 750 доллар, ахлотро ба ҷойи махсуси муайяншуда нагузорад, 500 доллар ҷарима медиҳад.

### Носкаш аз мурғ фарқ надорад

Аз ин мисолҳо маълум мешавад, ки дар кишварҳои хориҷа барои вайрон кардани қонун доир ба ҳифзи табиат ниҳоят сахт аст. Бинобар ҳамин ҳангоми сайёҳон ба Самарқанд ташриф овардан, ҳолатҳои нохуши муносибати мардумро ба табиат, муҳити зист дида ҳайрон шуда, ба якдигар бо тааҷҷуб менигаранд. Охир дар кўчаҳои марказӣ дари нақлиётро кушода носро мисли паррандаи наҷосаткунанда туф кардани баъзе ронандагони бешарму бефаросатро чӣ тавр бояд шарҳ дод?!

Раҳматӣ падари бузургворам шахсони носкашро ба мурғ монанд мекарданд.

Дар масъалаи носкашӣ ривояти аҷиберо аз матбуоти Эрон хонда будам, ки мантиқаш хеле олиҷаноб аст. Як шахси тақводор нос тайёр карда ҳаёт ба сар мебурдааст. Як дафъа ў носро тайёр мекунаду ба хондани намози бомдод меравад. Баъди бозгашт омада мебинад, ки муш аз болои ғарами нос гузашта меравад. Мўйсафеди худотарс назди муллои масҷид рафта маслиҳат мепурсад, ки чӣ бояд кард?! Домулло бо афсўс сар ҷунбонда мегўяд, ки «пойи муш ифлос шуд, акнун чӣ кор мекунем?!».

### Эҳёи табиат – дар эътибори давлат

Чанде пеш сарвари давлатамон ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба лоиҳаи бунёди «макони сабз» ва коркард бо партов гузаронида, таъкид кард, ки муаммоҳои беҳдошти табиатро на танҳо бо роҳи маъмурӣ, балки дар рўҳи табиатдўстӣ тарбияи насли наврасро ҳал кардан лозим.

Аз ин ҷо бармеояд, ки мудирони таълимгоҳ, омўзгорон, мураббиён ҳар рўзу ҳар соат ба шогирдон доир ба моҳияти зист бештару хубтар таълиму тарбия диҳанд. Алалхусус, фаъолони гузару маҳаллаҳо, мўйсафедони рўзгордида бо масъалаи шинондани ниҳолҳои меваноку манзаравӣ, гулбуттаҳо машғул шаванд.

Воқеан ҳадисе ҳаст, ки Пайғамбарамон (с.а.в.) таъкид кардаанд, ки хабари қиёматқоим эълон шавад ҳам ниҳол шинонидан зарур.

Аммо як ҳолати нохуши «ба ман чӣ, ин кори ман не» вуҷуд дорад, ки ниҳоят ташвишовар аст. Калонсолҳо медонанд, дар давраи шўравӣ ибораи «ин азони мо, ин азони ҳама» вуҷуд дошт. Ҳозир акси ин ҳолатро мебинем, ки ба тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мерасонад.

Захираҳои модарзамин, эҳёи «макони сабз» асоси дасторхони пурфайзу пурбаракоти аҳолии сермиллати кишварамон буда, иқтидори иқтисодии моро муайян мекунад, мустақилии озуқавиро мустаҳкам сохта, ба маънои том ватанамон ҷаннати рўйи замин хоҳад шуд.

Фаромўш накунем, ки ҳамаи мо бароиояндаи табиати зебо, дилнишин, хушҳаво ҷавобгў ҳастем. Эҳёи табиат қарзи муқаддаси ҳама аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# *ШАКАРХАНД*

– Духтурҷон, ман мемирам. Ба ман ёрӣ медиҳед?

– Бале, чаро не? Ин аз кисаи шумо вобаста аст.

***

– Ба андешаам, имрўз сулфазании шумо беҳтар шудааст.

– Бале, духтурҷон, ман шаби дароз машқ кардам.

***

– Духтурҷон, росташро гўед, ҳамин алафҳое, ки шумо дору гуфта мефурўшед, ягон манфиат меоранд?

– Набошад-чӣ! Масалан, як ҳафта қабл ба писарам охирин тамғаи мошини хориҷиро харидам, барои духтарам бошад, роҳхат ба Париж…

***

Марде аз бом афтоду пояш шикаст. Ҳар кӣ ба диданаш меомад, аз ў қисса мепурсид. Аз нақл ниҳоят хаста шуду ҳодисаро ба коғазе навишт ва ҳар кӣ меомаду мепурсид, хомўшона он коғазро ба ў медод.

*Таҳияи* ***Б. ФАРИШТА***.



*Сокини маҳаллаи Юқори Ҷўйчаи ноҳияи Норини вилояти Намангон Зоҳидҷон Ҳакимов бо сохтани маҳсулоти гаҷӣ – гулдон, кўза, сувенирҳои гуногун машғул мебошад. Ҳунарманд бо ин фаъолияти худ 5 нафар аъзои оила ва 6-7 нафар ҳамсояашро бо кор таъмин намудааст. Алҳол маҳсулоти соҳибкор ба Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Украина низ расонда дода мешавад.*

***Дар акс:*** *дар корхонаи оилавӣ.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ. ЎзА.***

# ҲУШЁР БОШЕМ

Маҳалла маконест он ҷо меҳру оқибат, осоиштагии мардум ва дигар урфиятҳои миллиамон ҳукмрон мебошад. Маҳз дар маҳаллаҳо бурдани корҳои тарбияи авлоди солим, ба огоҳӣ даъват намудани аҳолӣ, таъмини бехавфии ҳудуд аз ҷониби фаъолон, посбонони маҳалла аҳамияти муҳимро касб менамояд.

Аз ҷумла, ходимони бехатарӣ аз сўхтор низ бо ҳамкории фаъолони маҳалла оиди пешгирии сўхтор, сабабу оқибатҳои ин офат ба аҳолӣ суҳбатҳо ташкил карда, ба ҳушёрӣ даъват менамоянд. Новобаста ба ин корҳои ташвиқотӣ ҳанўз дар маҳаллаҳо, биноҳои истиқоматӣ ва корхонаҳо содир шудани сўхтор ба назар мерасад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари сўхтор аз боиси бепарвоии шаҳрвандон, риоя накардан ба қоидаҳои бехатарӣ сар мезанад. Ҳолатҳои аз асбобҳои носози барқӣ истифода бурдан ба амал омадани сўхтор бештар қайд шудааст. Сўхтор баъзан натанҳо ба як манзил, балки ба якчанд хонадонҳо офат меорад. Дигар аз сабаби бештар содиршавии сўхтор – истифода аз газ, газ-плита мебошад. Натиҷаҳо нишон додаанд, ки бонувони бепарво аснои истифода аз газ ба қоидаҳои бехатарӣ беэътиборанд. Чандин сўхторҳо бо сабаби сўхтани чизе боло ё дар атрофи плитаи газ содир шудаанд.

Мақсад аз овардани ин маълумотҳо ҳар як фард шояд ба худ хулосае бароварда, баҳри пешгирии сўхтор худ ва дигаронро ба ҳушёрӣ даъват намояд.

**Латофат ФАХРУДДИНОВА, роҳбари шуъбаи бехатарӣ аз сўхтори биноҳои Маъмурияти Президент.**

# «ҚИТЪАҲОИ САБЗ» ДАР МИНТАҚАИ НАЗДИАРАЛ

***Ба қарибӣ дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангали Ўзбекистон доир ба мавзўи «Чорабиниҳое, ки оиди вусъат додани «қитъаҳои сабз» дар минтақаи Наздиарал, ҳифзи флора ва фауна дар майдонҳои Бунёди ҷангал, ҳамчунин, рушди сайёҳии экову шикор, бо назардошти ворид накардани зарар ба табиат» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.***

Дар чорабинӣ котиби матбуоти Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал Отабек Ашуров, ҷонишини сардори раёсати мубориза алайҳи саҳрошавӣ ва хушксолӣ Ҳоҷимурод Толибов, ҷонишини директори Институти илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал О. Хўҷаев ва дигарон доир ба мавзўи мавриди назар баромад карданд.

Пайдост, ки дар кишварамон доир ба рушди хоҷагии ҷангал беш аз 40 қарору фармоиш, барномаҳо ва харитаҳои роҳ доир гардиданд, – изҳор дошт О. Ашуров. – Дар партави онҳо хеле корҳо анҷом дода шуданд. Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияҳои 72 ва 75-уми Сарассамблеяи СММ диққату эътибори аҳли ҷомеаи байналхалқиро ба минтақаи Наздиарал нигаронд. Пешниҳод намуд, ки оиди расондани кумак ба аҳолие, ки дар ин минтақа ба сар мебаранд, қарори махсус қабул карда шавад.

Ин азму талошҳо буд, ки аз ҳисоби тухмии растаниҳо ва ниҳолҳое, ки ба иқлими дашт мутобиқанд дар 1 миллиону 456 гектар майдон «қитъаҳои сабз» – ҷангалҳои муҳофизатӣ барпо карда шуданд. Ба ин кор 2000 техникаю механизм, 10 самолёт ва 4 делтаплан ҷалб карда шуд.

Соли 2021 дар 2,5 ҳазор гектар майдон дарахтони ҳимоявӣ шинонданд, дар 5000 гектар майдони хоҷагиҳои ҷангал плантатсияҳои полизиҳо ташкил карда шуданд, ҳаҷми ашёи хоми полизиҳои давоиву озуқаворӣ ба 8000 тонна расонда шуданд.

Минбаъд пешбинӣ шудааст, ки дар 1 миллион гектар минтақаи қаъри баҳри Арал ва Наздиарал «қитъаҳои сабз» барпо карда мешаванд. Аз ҷумла, дар тўли соли 2022 дар 100 гектар майдон саксавул ва дигар ниҳолу растаниҳои ба иқлими дашт мутобиқ шинонда хоҳанд шуд.

Бо мақсади ҳифзи фонди генетикии растаниҳову ҳайвонот дар бисёр минтақаҳои кишвар боғҳои табиати миллӣ созмон дода шуданд. То имрўз беш аз 300 навъи растанӣ ва бештар аз 180 хели ҳайвон, ба мақсади афзудан ба саршуморашон, ба «Китоби сурх» дароварда шуданд. Ниҳолшинонӣ дар минтақаҳои урёншуда идома дорад. Дар боғҳои табиати миллӣ ва хоҷагиҳои сайёдӣ чорабиниҳои баргузоршуда таҳти шиори «Мавзеъҳои зебои Ватан–модар», «Мо – муҳофизони табиат» ба доман паҳн кардани «қитъаҳои сабз» ва аз партовҳои маишӣ тоза шудани минтақаҳо мусоидат намуданд.

Дар поёни чорабинӣ саволу ҷавобе, ки байни мутахассисони соҳа ва ходимони РАО сурат гирифт, ба такмили мавзўи мавриди назар мусоидат намуд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

*Пажӯҳиш*

# НАВЪҲОИ КАЛИМАҲОИ ВОМӢ

Таркиби луғавии забон бойигарии луғавии ҳар як забонро нишон медиҳад. Дар он ҳама гуна калимаҳои ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти воқеии соҳибзабонон марбут арзи вуҷуд намудаанд. Ин буд, ки дар таркиби луғавии забон як миқдор калимаҳои аз забонҳои дигар воридгашта низ ҷой доранд, ки онҳо дар ҳукми калимаҳои вомӣ мебошанд.

Калимаҳои вомӣ унсурҳои овозӣ (фонетикӣ), дастурӣ (грамматикӣ) ва семантикӣ-маъноии аз як забон ба забони дигар воридшуда мебошанд. Воридшавии калимаҳои вомӣ ҳодисаи мураккаби забонӣ буда, ба омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, илмию фарҳангӣ, муҳити ҷуғрофӣ, билингвизм ва амсоли инҳо вобаста аст. Сабаби дигари воридшавии калимаҳои забони бегона ба предмет, ҳодисаю воқеаҳои рӯзафзуни ҳаёти воқеӣ, эҳтиёҷи номдиҳӣ доштани забон ва инчунин ба касолати ҳодисаи сермаъноии қабати семантикии забон марбут аст.

Забоншиносони тоҷик варваризму экзотизмҳоро иштибоҳан ба тариқи иҷмол дар ҳукми калимаҳои вомӣ донистаанд, ки дуруст нест, зеро ки онҳо ба таркиби луғавии забон ворид нагаштаанд. Вале, нигорандагон онҳоро аз таркиби луғавии забони ғайр гирифта ба дасти тасвир медиҳанд. Калимаҳои вомӣ бошанд, воҳидҳои луғавии забони бегона буда, дар забони вомгир ҳодисаи азхудшавии савтӣ-овозӣ (фонетикӣ), дастурӣ (грамматикӣ) ва луғавиро паси сар карда, ба шумори калимаҳои худӣ мансубият пайдо кардаанд. Монанди ҳамин, унсурҳои тасодуфӣ низ ба калимаҳои вомӣ иртиботе надоранд ва онҳоро аз зумраи калимаҳои вомӣ пиндоштан ғалати маҳз аст.

Калимаҳои вомӣ, ки барои ифодаи мафҳум ва маънӣ аз забонҳои дигар ворид шудаанд, дорои навъҳои зерин мебошанд: луғавӣ, сарфӣ, савтӣ, наҳвӣ ва маъноӣ.

Навъи луғавии калимаҳои вомӣ он аст, ки калимаҳои забони бегона (вомдеҳ) чун воҳиди мустақили нутқ ба забони вомгир ворид гашта, ба қоидаи дастурии забони вомгир итоат мекунад, яъне аз худ мешавад. Масалан, калимаҳои арабии истиқбол, истинтоқ, истифода, истироҳат, истеъмол, истило ва амсоли инҳо, ки масдарҳои феъли намуди даҳуми арабианд, дар забони тоҷикӣ бо феълҳои ёридиҳандаи тоҷикӣ феълҳои таркибии номӣ сохтаанд: истиқбол гирифтан, истинтоқ кардан, истироҳат кардан, истило кардан, истифода намудан, истеъмол гаштан. Ин калимаҳо дар калимасозӣ низ иштирок намудаанд: серистеъмол, сӯиистифода, истироҳатгоҳ, истилогар ва монанди инҳо.

Навъи савтии (фонетикии) воридшавии воҳидҳои забонӣ дар зимни калимаҳои вомии ба тарзи луғавӣ воридшуда сурат мегирад. Воридшавии савтӣ чун ҳодисаи азхудшавии савтӣ тез воқеъ намегардад. Чунончи, аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дар тӯли садсолаҳо фақат як овоз — айн ( ъ) ворид гаштааст. Калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ ҳарфи «ъ» доранд, аксар воҳидҳои луғавии арабианд: маъно, даъво, маъруф, истеъдод, маълум, таътил, саъй, раъд, қаър, баъд, шамъ, воқеъ, вуқӯъ...

Навъи наҳвии калимаҳои вомӣ он аст, ки ибораю таркибҳои забони вомдеҳ ба забони вомгир ворид мегарданд. Масалан, воҳидҳои наҳвии арабии зерин дар забони тоҷикӣ чун воҳиди луғавӣ истифода мешаванд: зарбулмасал, дорулфунун, байнаннаҳрайн, Мовароуннаҳр... Баъзан дар забони вомгир ба ҷузъи калимасоз табдил ёфтани яке аз ҷузъҳои ин гуна воҳидҳои наҳвии арабӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, калимаи «нисо» (зан) дар забони тоҷикӣ нишондиҳандаи ҷинси занона буда, дар номгузорӣ чун муродифи «бибӣ» ва «бону» истеъмол мешавад: Тоҷинисо, Хайринисо, Рисқинисо, Қумринисо, Баҳринисо, Меҳринисо...

Монанди ҳамин, калимаи арабии «абду» (банда, ғулом) дар забони тоҷикӣ чун нишондиҳандаи ҷинси мардона дар номгузорӣ истифода шудааст: Абдуқодир, Абдураҳмон, Абдунабӣ, Абдумалик...

Ба навъи наҳвии калимаҳои вомӣ таркибҳои пешояндии арабии монанди «билъакс», «билкулл», «билфеъл», «билхайр», «билҷумла» ва монанди инҳо низ дохил мешаванд, ки муродифҳои тоҷикии онҳо бо пешвандҳои «бар-», «ба-» ва пасванди «ан» сохта мешаванд: билъакс – баръакс, билхайр – бахайр, билтафсил – батафсил, билфеъл – феълан...

Калимаҳои вомии маъноӣ (семантикӣ) навъи дигари калимаҳои вомист. Ба маънои калимаи забони вомдеҳ мавриди истеъмол қарор гирифтани воҳидҳои луғавии забони вомгир ба калимаҳои вомии маъноӣ мансуб аст. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаҳои «огоҳӣ» ва «танбеҳ» дар натиҷаи маънои калимаи русии «предупреждение» ва «выговор»-ро бо калимаҳои тоҷикӣ ифода кардан ба вуҷуд омадаанд. Навъи калимаҳои вомии маъноӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ҳалли ин масъала дар пеш аст.

Ҳамин тавр, калимаҳои вомии тоҷикӣ тавассути омили иҷтимоӣ ва дохилизабонӣ ворид гашта, дар маҷрои инкишофи таркиби луғавии забон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ боиси ғановати маъно ва инкишофи муродифот гаштааст. Ба ин маънӣ ба ҷараёни рушди забон бо таҳқиқи асарҳои бадеӣ то андозае рӯшанӣ андохтан мумкин мегардад. Калимаҳои вомӣ дар рушду камоли забони вомгир мақоме доранд, ки таҳқиқи онҳо хусусияти назариявӣ ва амалии забоншиносиро пурарзиш менамоянд.

**Малик КАБИРОВ,**
**устоди Донишкадаи давлатии омӯзгории Чирчиқи вилояти Тошканд, номзади илмҳои филология, дотсент.**

***Ҳоло 107-солагии шоира Зулфия ҷашн гирифта мешавад. Аз ҷумла, дар мактаби мусиқии ноҳияи Бекобод доир ба мавзӯи «Тимсол ва меҳру вафои шоира» маҳфили адабӣ баргузор гардид.***

# ТИМСОЛИ ВАФО

Чорабиниро ҷонишини ҳоким оид ба корҳои маънавию маърифӣ Саида Субонова кушода, таъкид намуд, ки шоира инсонҳоро ба ростгӯйӣ, меҳнатдӯстӣ, сабру қаноат, ватандӯстӣ ва донишомӯзӣ ҳидоят менамуд.

Аз тарафи китобхонаи марказии ноҳия ҳаёт ва фаъолияти Зулфия бо видеолавҳа ва шеъру сано намоиш дода шуд. Дар давоми чорабинӣ аъзоёни маҳфили «Илҳом» шеърҳои эҷодкардаи худ ва шеърҳои шоираро хонда тамошобинҳоро хушнуд намуданд. Барои чорабиниро боз ҳам пуршукӯҳ идома додан аз тарафи мактаби мусиқии ноҳия суруду рақс иҷро шуд.

**Зарнигор ИЗЗАТУЛЛОЕВА,**
**тарғибгари мактаби рақами 56-уми ноҳияи Бекободи вилояти Тошканд.**

*Китобиёт*

# ТАЪРИХНОМАИ “БУХОРОИ ШАРИФ”



Дар арафаи ҷашни 110-солагии шумораи аввалини рӯзномаи “Бухорои шариф” китоби яке аз пажӯҳишгарони таърих, марди худшинос Ӯзбакбойи Раҳмон бо номи “Таърихномаи “Бухорои шариф” чоп гардид. Муаллиф мақолаҳои худро, ки солҳои гуногун дар матбуоти даврӣ нашр шудааст, ба китоб илова намудааст. Пас аз мутолиаи ин китоб Шумо дар бораи рӯзномаи “Бухорои шариф” ва кормандони он, мавзӯи мақолаҳои интишоршуда, иловаҳои рӯзнома ва мавқею дараҷаи он огоҳ мешавед. Оварда мешавад, ки “Рӯзномаи “Бухорои шариф” «ҳамчун асбоби тараққии маориф нашр гардида, ахбори ҳама ҷоро ба ҳама кас медиҳад ва ҳамаи мардумро аз зулмати ҷаҳолат ва нодонӣ бароварда ба рӯшноии илм ва ирфон раҳнамун месозад». Ба ин мақсад дар рӯзнома зери унвони ахбори маҳаллӣ ва Туркистон, ахбори дохила, ахбори хориҷа, бахши адабиёт, солимӣ, эълонҳо, бахши ғояи омол, яъне мақсаду амал хабару мақолот ва ҳикояву намунаҳои назмӣ дарҷ гардидаанд. Ҳар як шумора аз бахши ғояи амал оғоз меёбад, ки дар он мақсади нашр ва вазифаҳои рӯзнома инъикос ёфтааст”.

Муҳаррири китоб узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Асадуллоҳ Исмоилзода қайд мекунад, ки ин китоб барои худшиносии мардум ва рушанӣ андохтан ба масъалаҳои носаҳеҳи таърих имкон медиҳад.

**Асалой САРХАТЗОДА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

# МАКТАБИ МАҲОРАТИ ЧАПАНДОЗОНИ БУХОРО

***Варзиши аспсаворон таърихи бостонӣ дорад. Маъхазҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки вай соли 680-уми пеш аз милод шомили бозиҳои олимпии антиқӣ гаштааст. Минбаъд он аз ибтидои соли 1900 вориди барномаи бозиҳои олимпӣ гашта, соли 1953 аз қатори намудҳои спорти мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ва аврупоӣ ҷо гирифтааст. Ҳоло ба созмонёбии Федератсияи байналмилалии варзиши аспсаворӣ (FEI) як аср пур шудааст. Федератсияи спорти аспи Ӯзбекистон аз соли 1993 ин тараф аъзои ҳамин федератсия мебошад ва командаи яккачинамон дар мусобиқаҳои гуногун иштирок мекунад.***

Дар Бухоро низ ба оммавӣ гардондани ин намуди варзиш эътибор афзудааст. Хусусан, дар пойгоҳи маҷмӯи «Отчопар»-и мактаби ихтисосонидашудаи мусобиқаҳои инфиродии спортӣ созмон ёфтани «Мактаби чапандозон»-и «Гвардияи миллӣ» ба ин мисол аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки барои бунёди ин маскан 5 миллиард сӯм сармоя харҷ гардида, дар ин ҷо ба ғайр аз майдони машғулияту мусобиқаҳо барои тамошобинон айвон (600 ҷой), хонаи мураббиён, аспхона барои 40 сар байтал, емхонаю анбори озуқа ва ғайра сохта шудааст.

1 марти соли ҷорӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Шейхонча»-и ноҳияи Бухоро маросими кушодашавии «Мактаби чапандозон» ба амал омад. Дар он кормандони ҳокимиятҳои вилояту шаҳр, Садорати вилоятии «Гвардияи миллӣ», мутасаддиёни соҳа, варзишгарон, намояндагони ҷамоатҳо иштирок карданд. Ҳокими вилоят Б. Зарипов ба сухан баромада, варзишгаронро мутасаддиёни соҳаро бо фароҳамоии боз як имконияти қулай – мактаби маҳорати чапандозӣ муборакбод намуд.

Дар охир аспсаворони варзишгар маҳорати худро намоиш доданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# СУРАЙЁ

Дар «асри тиллоӣ»-и Болливуд мусулмондухтарҳо низ бо нақшҳои ҷолиб дар шуҳратёбии филмҳои ҳиндӣ саҳми муносиб гузоштаанд. Масалан, Наргис (номи аслиаш Фотима), Мина Кумари (номи ҳақиқиаш Моҳҷабин Барно), Аруна Ирани, Мумтоз, Шабона Азмӣ, Зинат Амон ва ғайраҳо. Хусусан, Мадҳубала (номи аслиаш Мумтоз) ва Сурайё ситораи тобнок



дар Болливуд ба шумор рафта, ҳанӯз номашон чун актрисаҳои нотакрор ба забон гирифта мешавад.

Сурайё дар асл Лоҳурист. Қисмат ӯ ва аҳли оилаашро ба Мумбай (он вақт Бомбай мегуфтанд) овард. Ҳоло кӯдак аст, вале ба кӯча баромадан, бо ҳамсолон бозӣ карданашро манъ кардаанд. Мактабхон шуд. Назоратгар ӯро ба мактаб мебурд ва меовард. Раҳораҳ як ҷаҳон насиҳат мекард.

Духтарбачае, ки дар ҳамин гуна муҳит тарбият ёфт, баъдтар чӣ тавр актриса шуд, ҳама ҳайрон.

Мусулмондухтар ва ҷавони ҳинду Мадан Мохан дӯсти наздик буданд, ҳамроҳ ба радиои Мумбай рафта ва барномаҳо барои наврасон омода месохтанд. Сурайё баъдтар бо Раҷ Капур аз наздик шинос шуд, ки вай низ бо радио сарукор дошт.

Мадан ва Раҷ аз Сурайё 6-7 сол калон буданд. Раҷ фарбеҳак буд, Сурайё хароб ва майдаяк. Фарбеҳӣ ва харобии якдигарро масхара мекарданд.

Тағои Сурайё, ки Заҳур ном дошт, аз Лоҳур ба Мумбай омад ва дар соҳаи кино фаъолият сар кард. Нақшҳои манфӣ мебозид. Мегуфтанд чун номаш худаш ҳам «заҳр». Ба майдончаи навор гоҳо ҷиянашро меовард, ба коргардонҳо мегуфт «нутқаш бурро», духтарбача лозим шавад, нақшро бегона накунед.

«Мохан студиоз» дар бораи Мумтоз Маҳал филм бардоштанӣ. «Ба давраи духтарии Мумтоз Маҳал бисёр мувофиқ», гуфтанд Сурайёро. Хурсандии духтарча ҳад надошт. Наход дар кино нақш бозад?

Тарбияи Сурайёро, ки 12-13-сола буд, модаркалонаш ба зимма гирифта буд. Вай зани худотарс, айни замон бисёр мутаассиб.

Ташвиш накашед, гуфт Заҳур ба модараш, Сурайё духтари боақл, ҳамеша дар пеши назарам мешавад.

«Тоҷмаҳал» соли 1941 дар Деҳлӣ ба навор гирифта шуд. Сурайё духтарии Мумтоз Маҳалро бозид. Баъдтар вай чун «духтарча-артистка» боз дар чаҳор филм нақш иҷро кард. Гонорарро ба модаркалон бурда медод. Пулро медид ва нарм мешуд модаркалон. Ҳатто Сурайёро ҳимоя мекард.

Боре муносибатҳои маҳрамона, ки дар сенарий ҷой доштанд, ба падару модари Сурайё маъқул нашуданд. Хостанд ӯро боздоранд, «лаҷом», ки дар дасти модаркалон буд, гуфт: «Духтаракам бо ҳаёву ибо. Чӣ мумкин ва чӣ номумкин буданашро худаш нағз мефаҳмад».

Аз модаркалони Сурайё кормандони студия низ меҳаросиданд. Вай аз онҳо талаб мекард, ба меъёрҳои одобу ахлоқ қатъӣ риоя намоянд.

Хешовандони Сурайёино дар Покистон монда буданд. Баъде Сурайё актриса шуд, муносибати ақрабо вайрон гашт. Хусусан як тағоии дар Лоҳур мондааш аз Сурайё сахт хафа буд.

Сурайё ба Лоҳур рафт, то аз хешон хабар гирад. Ҳамон тағоияш туфанги шикорӣ дар даст, таҳдид кард: «Мепарронам!»

Дар кадом як филми даҳшатнок не, дар пеши назари Сурайё рӯй медод ҳамааш...

«Сари ҳамаамонро хам кардӣ!»

Вале мустаҳкам буд имони Сурайё. Нақш меофарид, вале ҳеҷ вақт ба беҳаёӣ роҳ намегузошт.

***

Бо ҷой гирифтани Дев Ананд дар қалбаш давраи нав дар зиндагии Сурайё оғоз ёфт. Лаҳзаҳое буданд гуворо. Айни замон – изтиробангез. Актёрҳое, ки бо ӯ кор мекарданд, калонсолтар буданд, масалан, Раҷ Капур, Сайгал, Диван, Мотилал. Танҳо Дев Ананд – ҷавон ва хушчақчақ.

Дар филми «Видоъ» ҳамроҳ нақш бозиданд. Заврақ даруни баҳр оҳиста равон аст, дар ду ҷониби он қаҳрамонҳои асосӣ (Дев ва Сурайё) нишаста ва гарми орзуҳо. Оператор аз дур ба навор мегирад...

Ҷавон аз фурсат истифода ва дил изҳор кард: «Ту ҳаёти ман!»

***

Фотомухбире Сурайёро аксосӣ кардан мехост, Дев доромада омад. Вақте ҳарду даст дода вомехӯрданд, мухбир аз фурсат истифода намуд. Сурат дар рӯзнома чоп шуд. Дар зерсурат ин тавр сабт ёфта буд: «Муҳаббати реалии Сурайё дар ҳаёт».

Чӣ шӯре бархост баъди он. Модаркалони Сурайё ғазабнок ба студия омад, аламашро аз Дварк Дичен ва Гуру Датт ситонд.

Вале дар онҳо чӣ айб?

Дев мехост Сурайёро ба ҳамсарӣ пазирад. Вале аҳли хонадони духтар қатъиян норозӣ: «Ҳинду чӣ тавр мусулмондухтарро гирифтанаш мумкин?»

Мутааллиқӣ ба ду дин муаммои калон буд. Дӯстдоштаҳо хостанд аз баҳри ҳама ва ҳар чиз баромада, гурезанд. Нақшаи гурезро кашида ва кадом вақт дар куҷо вохӯрданро маслиҳат карданд. «Духтарам, ҳаёти шахсиатро қурбон накун, барои муҳаббатат мубориза бар!» – маслиҳат дода буд актрисаи куҳансол Дургобайӣ, ки Сурайёро бисёр дӯст медошт.

Аммо Сурайё дар вақти ваъдагӣ ҳозир нашуд. Вай тарсид: ҳоло дар синни балоғат нест. «Девро ҷавобгар карданашон мумкин».

Сурайё бо Дев Ананд дар ҳафт картина якҷо бозидааст. Саргузаштҳои ишқии байни ҳарду чаҳор сол давом намуд.

Дев сонитар ба Калпан Картик ном духтар хонадор шуд. Вале меҳри Сурайё як умр дар қалбаш лона гузошт. Ҷароҳат қалби Сурайёро низ як умр озор дод...

Вақте филми «Рустам ва Суҳроб» (1954) ба навор гирифта мешуд, Сурайё худро бад ҳис кард ва аз ҳуш рафт.

Баъди сиҳат ёфтан қарор кард киноро тарк созад. Санҷив Кумар, Навшод, Лакшмикант ва дигар ҳамкорон чӣ қадар мехостанд Сурайё дар сафи онҳо монад, вале рад намуд. Гуфтанд, ақаллан бо сурудҳоят бо мо бимон!

Дар воқеъ, сурудхон низ буд Сурайё, баъди Лата Мангешгар ва Аша Бхосле «савумин булбул» дар Болливуд ба шумор мерафт. Ӯ барои филмҳо 340 суруд эҷод кардааст – аз иҷрогарони машҳури паси кадр ҳисоб меёфт.

Фаъолияти актрисагии Сурайё 27 сол давом (1936-1963) ва дар ин байн дар 67 филм нақш бозидааст.

Сурайё дар картинаи «Мирзо Ғолиб» (1954) нақши маҳбубаи Мирзо Ғолибро бозид ва барои маҳорати баланди иҷрогарӣ барандаи Мукофоти миллӣ гашт. Сурудҳояш ҳам ба торҳои нозуки қалби тамошобин нохун мезад. Аз тамошои филм роҳбари ҳукумати ҳамонвақтаи Ҳиндустон Ҷавоҳарлаъл Неҳру низ сахт ба ҳаяҷон омад ва ба Сурайё ин тавр мактуб навишт: «Тумне Мирзо Ғолиб кии ко зиндаа кар дийаа» (маъноят: «Шумо рӯҳи Мирзо Ғолибро ба ҳаёт баргардондед»).

Сурайё охири умрашро дар хонаи адвокати худ Дхимант Таккар гузаронд. Ҷисмаш он ҷо, рӯҳ ва хаёлаш бо Дев Ананд.

Аз дунё тоқ гузашт актрисаи номвар. Дев низ хаёлан бо Сурайё буд, – менависад журналист Алӣ Питер Ҷон, – хусусан дар охирин даму нафасҳои худ ӯро ба ёд меовард ва талх мегирист.

**Ш. МУҲАММАД.**

# БАРНОМАИ ДАСТГИРИИ ТАҲСИЛОТИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ТАҲИЯ МЕШАВАД

***Ба туфайли эътибор ва ғамхории хоса ба бонувон дар кишварамон дар асоси тамоюли «Аз Стратегияи ҳаракат то Стратегияи рушд» хоҳарони диловару фидокори мо дар ободиву пешрафти Ватан саҳми арзанда гузошта истодаанд.***

Хусусан, дар стратегияҳои иҷтимоию сиёсие, ки дар мамлакати мо амалӣ мегардад, иштироки пурраю баробари занону духтарон таъмин карда мешавад. Занону духтарон дар ҳамаи мақомоти давлатӣ бевосита иштирок доранд.

Инчунин, аз соли 2020 «Дафтари занон» барои кор бо занони ниёзманди кумаки иҷтимоӣ дар маҳалҳо таъсис дода шуд. То имрӯз ба наздик 900 ҳазор нафар занону духтарон кумакҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва психологӣ расонида шудааст.

Бо мақсади ташаккули рӯйхати занони ба «Дафтари занон» дохилшуда ва ба таври мунтазам омӯзиш, таҳлил ва ҳалли мушкилот, эҳтиёҷ ва манфиатҳои онҳо Шӯрои ҷамъияти ҷумҳуриявии занону духтарон таъсис дода шуд.

Аз тарафи Шӯро барои бо маълумот ва малакаи касбӣ таъмин намудани бонувон, расондани кумаки ҳамаҷониба дар пайдо кардани кори муносиб, дастгирии соҳибкории онҳо як қатор чорабиниҳо амалӣ гардонда мешавад.

Ба харибӣ дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлатамон баргузор шуд, доир ба низоми дастгирии занону духтарон ва таҳкими мавқеи онҳо дар ҷомеа, вазифаҳо гузошта шудаанд, ки корҳои дар ин самт амалигардида ба зинаи нав бардошта шаванд.

Аз ҷумла, Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон таъсис дода шуд. Зимнан зикр гардид, ки барои пурра амалӣ намудани фаъолияти худ дар минтақаҳои кишвар, вакolатҳои идоракунии мустақили Фонди дастгирии бонувон ва фонди «Дафтари занон», инчунин 9 309 нафар мақомоти муовинони раис оид ба занону духтарон ва оила ба ихтиёри Кумита гузаронида мешавад.

Инчунин, маълум шуд, ки бо мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоии занон аз 1 сентябри соли 2022 ба заноне, ки расман дар бахши хусусӣ кор мекунанд, низоми пардохти давлатии нафақаи ҳомиладорӣ ҷорӣ карда мешавад. Барои ин аз буҷет соли ҷорӣ 200 миллиард сӯм ва дар соли 2023 1 триллиону 700 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Навгонии муҳими дигар ин аст, ки аз соли таҳсили оянда маблағи шартномавии духтарони дар магистратура таҳсилкунанда пурра аз ҳисоби буҷет фаро гирифта шуда, бори нахуст низоми кредити бефоиз ба муҳлати 7 сол барои пардохти шартномаҳои таълимӣ ҷорӣ карда мешавад.

Ин иқдом ба дили ҳазорон хонавода ва занону духтарон, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, шодӣ ва равшанӣ бахшид.

Сабаб дар он аст, ки имрӯз мутаассифона бештари занони дар оила ва ҷомеа ба таъқиб дучоршуда, заноне мебошанд, ки соҳиби маълумот намебошанд, дар зиндагӣ касби шахсии худро надоранд.

Акнун ҳар зану духтар, ки мехоҳад таҳсил кунад ва мутахассиси баркамол дар соҳаи мавриди таваҷҷуҳи худ шавад, имкони таҳсил ва ояндаи худро пайдо мекунад.

Инчунин, тарбияи модарони оянда ҳамчун як шахси бомаърифат, ҷаҳонбиниашон васеъ дар бунёди пояи сеюми Ренессанс, ки Ӯзбекистон дар ташаккули миллати бузург ба миён гузоштааст, нақши муҳим мебозад.

Хулоса, занони роҳбар ва кадрҳо на танҳо ба дарди ҳазорон нафар модарону хоҳарони мисли худашонро шунида, ҳал мекунанд, дар баробари ин нисбат ба ягон беадолатии ҷомеа бепарво нигоҳ карда наметстанд. Дастгирии мунтаззами онҳо дар роҳи фаровонии оила, пешрафти ҷомеа ва рушди кишвар қадами муҳим ба ҳисоб меравад.

**Олтиной МАМИРОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**
**ӮзА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 730 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.